# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионӣ 6D.KOA-044 дар назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи доктории Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович дар мавзуи «Идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқии маъмурӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14. – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)

1. Таҳқиқоти диссертатсионии Соибов З.М. «Идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқии маъмурӣ» дар шароити муосир аз ҷумлаи масъалаҳои мубрам дар илми ҳуқуқи маъмурии ватанӣ маҳсуб меёбад. Масъалаи баррасишавандаи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо назардошти марҳилаи муосири рушди Тоҷикистон, яъне ташкили тарҳи нави идоракунии давлатӣ, гузариш ба низоми иқтисоди бозорӣ ва ҳалли як қатор вазифаҳои давлатӣ муҳим буда, ҷанбаҳои ташкилӣ, ҳуқуқии маъмурӣ ва амалии идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷуссум менамояд. Фаъолияти гумрукӣ фарогири масъалаҳои гуногуни хусусияти ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва расмиётӣ мебошад, ки дар иртибот бо танзими фаъолияти иқтисоди хориҷии кишвар қарор дорад. Ташкили дуруст ва самараноки он аз сатҳи идоракунии давлатӣ нисбат ба он вобастагӣ дорад. Тавре муаллиф қайд менамояд дар заминаи фаъолияти гумрукӣ ҳадафҳо ва вазифаҳои давлат, ба монанди таъмини амнияти миллӣ, амнияти озуқаворӣ, амнияти экологӣ, ҳифзи саломатии аҳолӣ ва моликияти зеҳнӣ, мубориза бо қочоқи инсон, силоҳ, маводҳои нашъаовар ва объектҳои муомилоташон манъшуда, терроризму ифротгароӣ ва дигар ҷиноятҳои трансмиллӣ ва ғ. амалӣ мегарданд.

Такмил ва рушди фаъолияти гумрукӣ ва идоракунии давлатии он пайваста зери таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, дар ин самт тадбирҳои гуногуни ҳуқуқию ташкилии зиёд роҳандозӣ гардидааст. Мавриди амал қарор додани як қатор ҳуҷҷатҳои стратегӣ, ба монанди Консепсияи рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон,

Барномаи миёнамуҳлати рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғ. гувоҳи давра ба давра рушд додани идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ мебошад. Бо вуҷуди ин, дар шароити муосир як қатор масъалаҳои ҳалталаб, норасоиҳо ва мушкилот дар самти мазкур мавҷуд аст, ки боиси монеагӣ ба таъмини самаранокии идоракунии давлатии соҳаи мазкур мешаванд.

Аз мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ бар меояд, ки як қатор омилҳое мавҷуданд, ки боиси интихоб ва таҳқиқи масъалаи идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи илми ҳуқуқӣ гардидаад. Аз қабили, рушди идоракунии давлатӣ ҳамчун ниҳоди ҳуқуқи маъмурӣ ва воситаи муҳимтарини танзим ва роҳбарии соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, фаҳмиши ниҳоди зикргардида дар илми ҳуқуқи маъмурии муосир, рушди асосҳои ҳуқуқии идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ, мушаххаснамоӣ ва равшан намудани падидаҳо, мафҳумҳо ва дигар масъалаҳои марбут ба идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ, ташкили мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ, аз ҷумла мақомоти ваколатдори соҳавӣ дар соҳаи зикршуда, рушди асосҳои ҳуқуқии маъмурии фаъолияти гумрукӣ, истифодаи воситаҳои иттилоотӣ-техникии муосир дар раванди ташкил ва баамалбарории фаъолияти гумрукӣ ва идоракунии давлатии он, таъмини ҳамаҷонибаи қонуният, интизом ва тартиботи ҳуқуқӣ дар идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ, рушди иқтисодиёти кишвар ва тақвияти ҳамгироии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иқтисоди ҷаҳонӣ.

Ташкили идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ бо таъмини иҷрои уҳдадориҳои дахлдори байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар алоқамандии зич қарор дошта, тадбири муҳимтарини пайвастгардии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иқтисоди ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад. Дар ин самт ташкили чораҳо ва корҳои гуногуни самаранок, аз ҷумла мутобиқгардонии қонунгузории давлатӣ ба санадҳои ҳуқуқи байналмилалии эътирофшуда ва ташкили тарҳи муосир ва самараноки идоракунии давлатӣ дар соҳаи мазкур, зарур аст, ки сифати иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии

Тоҷикистон ва дар ин замина нуфузи Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ дар соҳаҳои дахлдор баланд бардошта шавад.

Ҳамзамон, пажуҳиши масъалаи идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар илми ҳуқуқи маъмурии ватанӣ бори аввал буда, муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар такя бо доираи маъхазҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ, қонунгузории соҳавии ватанӣ, ҳуҷҷатҳои стратегии кишвар ва сарчашмаҳои иттилоотии дигар андешаҳо ва консепсияи илмии хосро пешниҳод намудааст, ки ба такмил ва рушди масъалаи болозикр мусоидат менамоянд.

Асосҳои дар боло зикргардида ва дигар ҳолатҳо инъикоскунандаи мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро ташкил дода, пажуҳиш ва омӯзиши амиқ, ҳамаҷониба ва босамарро тақозо менамоянд.

2. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф ба таври мустақил таҳия гардида, дорои аҳаммияти илмӣ ва амалӣ мебошад. Диссертатсия дорои ягонагии дохилӣ буда, таҳлил ва таҳқиқи масъалаҳо бо назардошти усулҳои дахлдори илмӣ пурра дар доираи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ сурат гирифтааст. Дар иртибот бо ин, таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани реҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

3. Мавзӯъ ва мазмуни таҳқиқоти диссертатсионии Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович бо шиносномаи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ), ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 апрели соли 2017, №1/4 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 3 монография, 57 мақолаҳои илмӣ, аз он ҷумла 23 мақола, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати муассисаҳои олии таълимӣ ва илмии ФР ба табъ расиданд. Шумораи маводи батабърасида ба талаботи бандҳои 34 ва 35 Тартиби

додани рачаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошанд.

5. Маводҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ истифодагардида бо иқтибосоварӣ ба муаллифон ва сарчашмаҳои он ишорашудааст, ки дар алоқамандӣ бо ин талаботи банди 37 Тартиби додани рачаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, риоя гардидааст.

6. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ва ҳуҷҷатҳои дигари пешниҳоднамудаи Соибов З.М. маълумоти носаҳеҳ мавҷуд намебошад.

7. Мутобиқи банди 61 Низомномаи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, Коммиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи доктории Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович дар мавзуи «Идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқии маъмурӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14. – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ, ки ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-044 дар назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

– Раззоқов Баҳодур Ҳаётович – профессори кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ;

– Асадов Шавкат Ғайбуллоевич – профессори кафедраи «Асосҳои ҳуқуқии сохтори давлатӣ ва идоракунӣ»-и Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Узбекистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ;

– Нематов Акмал Рауфҷонович – сарходими илмии шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосир Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар – муассисаи давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии “Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ” таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

6. Санаи ҳимоя рӯзи “11” 05 соли 2023, соати $10^{00}$ таъин карда шавад.

**Раиси комиссия:**

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
аъзои шурои диссертатсионӣ Иброҳимов С.И.

**Аъзои комиссия:**

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
аъзои шурои диссертатсионӣ Зоир Ҷ.М.

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С.

“4” 02 2023 с.